Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ тибқи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ., ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Рисолаи номзадии Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» дар Тоҷикистон, яке аз мавзӯҳои ҷолиби диққат мебошад ва мубрам будани он ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад. Зеро масъалаи одатҳои ҳуқуқӣ ҳамеша яке аз масъалаҳое мебошад, ки он натанҳо аҳамияти назариявӣ, инчунин аҳамияти хоси амалӣ дорад. Чунин ҳолат моро водор месозад, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус диҳем.

Аз мазмуни автореферати мазкур маълум мегардад, ки рисола аз 3 боб ва 8 зербоб иборат мебошад. Дар автоферат мухтасар масъалаҳои табиати ҳуқуқии одатҳо, мафҳум, тасниф, нишонаҳо, хусусиятҳо ва дигар ҷанбаҳои масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар рисола дастовардҳои хуб ба назар мерасанд. Хусусан, муаллиф якчанд ақидаҳои пешқадамро ҷиҳати ташаккули одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ пешниҳод кардааст. Таҳлилҳои муқоисавии муаллиф имкон додааст, ки таҷрибаи пешқадам дар ин самт омӯхта шавад. Адабиётҳои зарурӣ таҳлил гардидааст. Умуман кор бо услуби илмӣ навишта шудааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», бо моҳият ва мазмуни хоси

илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», аз нуқтаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест. Масалан, муаллиф дар пешниҳоди №8 барои ҳимоя манзуршаванда зикр мекунад: "Истинод накардан ба аломатҳои меъёрҳои одатӣ ҳангоми дар вақт, макон ва доираи муайяни одамон татбиқ гаридидани он барои фарқ кардани он аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меорад, ки оё қоидаҳои муқаррарии рафтор дар ягон соҳаи муайян татбиқ мешаванд ва муносибатҳои молумулкӣ ва амалияи он давом дорад ё не?". Дар рисола бояд муаллиф ба ин савол ҷавоби мушаххас дошта бошад. Зеро вазифаи олимон ба саволҳои илмӣ ҷавобҳои илман асоснок ёфтан аст, на савол гузоштан ба дигарон.

Бояд гуфт, ки эроде, ки дар боло зикр шудааст аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлӯҳои мусбати илмии диссертатсия таъсир намерасонад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ баанҷомрасида мебошад ва масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар замони муосир барои оянда замина мегузорад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ », ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади .илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси

12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5 : (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj**
**Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru**
**Тел.: 917448535**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

4.12.2023